«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илми биология, профессор
_____________ Давлатзода С.Х.
«___» _____________ 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” ба шиносномаи ихтисоси 6D021400 - Адабиётшиносӣ (6D021403 -Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мутобиқат дорад.

Таҳқиқу баррасии вежагиҳои сабкиву мавзуии насри классикии форсу тоҷик дар шумори масоили мубрами адабиётшиносии тоҷик қарор гирифтааст, ки тайи солҳои охир ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Хосатан, таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои ҳунарӣ, бадеӣ, сабкии осори мансури ирфонӣ, ки як шохаи муҳимми насри классикии форсу тоҷикро ташкил медиҳад, тайи солҳои охир тамоюли тоза касб намуд. Дар ин миён таҳқиқоти арзишманди донишмандони соҳибноми тоҷик - Худоӣ Шарифзода, Носирҷон Салимӣ, Матлубаи Мирзоюнус, Умеда Ғаффорова ва дигарон дар робита ба насри ирфонии форсу тоҷик арзишу аҳамияти хосса касб намуда, тамоюлҳои тозаи таҳқиқиро ба вуҷуд оварданд, ки бо раҳнамоии онҳо пажӯҳишгарони муайяне ба таълифи рисолаҳои илмӣ роҷеъ ба сарчашмаҳои мухталифи насри ирфонӣ муваффақ гардиданд.

Тавре маълум аст, силсилаи таҳқиқоти анҷомёфта дар робита бо осори насрии Абдуллоҳи Ансорӣ, Аттори Нишопурӣ, Мавлонои Балхӣ, Шаҳобиддини Суҳравардӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигар нависандагони адабиёти ирфонии форсу тоҷик ба қалам омадаанд. Мутаассифона, осори насрии яке аз намояндагони барҷастаи насри ирфонии форсу тоҷик Аҳмади Ғаззолӣ то кунун дар сатҳи матлуб ва дар сурати як диссертатсияи мустақил

таҳқиқ нашуда буд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” аз аввалин пажӯҳишоте ба шумор меравад, ки дар он ҷанбаҳои сабкиву мавзуи ду асари муҳимми ӯ - “Савонеҳ ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр” ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Сохтори умумии таҳқиқот ва банду басти он, зарурат ва аҳамияти баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, мавзуъ, масоил ва соҳаи таҳқиқот, навгонӣ ва бозёфтҳои илмии таҳқиқ ва аҳамияти амалии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи пажӯҳиш инъикос менамояд.

Диссертант зимни таҳқиқи масъалаҳои ба мавзуъ алоқаманд аз равишҳои муосири адабиётшиносӣ, аз қабили усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, сохторшиносӣ ва дигар тарзу равишҳои таҳқиқи осори адабӣ истифода карда, бори нахуст ба таври комплексӣ масъалаҳои ба таҳқиқи насри ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ дахлдоштаро дар қолаби кори диссертатсионӣ баррасӣ ва ҷамъбаст кардааст. Аҳамияти мавзуи диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки то кунун дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба арзишҳои адабиву мавзуии рисолаҳои Аҳмади Ғаззолӣ таҳқиқоти алоҳида ба анҷом нарасидааст ва ин пажӯҳиш бори нахуст дар самти муайян намудани сабку шеваи нигориш ва дигар вежагиҳои насри ин нависандаи соҳибном сурат мегирад.

Дар баробари ин, метавон таъкид дошт, ки ҳарчанд то кунун дар таълифоти Худоӣ Шарифзода, Носирҷон Салимӣ, Бахром Мирсаидов ва дигарон дар робита ба вазъи ташаккули насри ирфонии форсу тоҷик, инчунин таҳаввули достонҳои рамзӣ дар адабиёти гузаштаи мо накду назарҳои муайяне баён гардидаанд, вале таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунариву мавзуии расоили “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ дар таҳқиқи Саидғанизода Саидсултонхон бори аввал ба таври густарда ва ҷудогона сурат гирифта, муқаррар сохтааст, ки дар ҳақиқат, таълифоти мазкури ин мутафаккир ва нависандаи соҳибназар на танҳо ба рушди насри ирфонии тоҷик накши муассир гузоштааст, балки ба ташаккули назми суфиёнаи форсу тоҷик низ муассир омада, ки ба назм

даровarda шудани ҳикоёте аз ин осор дар маснавиҳои Саноӣ ва Мавлоно шореҳи ҳақиқати ин амр аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон аз се боб ва фаслҳои гуногун иборат мебошад, ки ҳар яки онҳо ба проблемаҳои муҳимми хурду бузурги марбути насри ирфонии форсу тоҷик, бахусус “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ ихтисос доранд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он равшан мегардад, ки дар он бори аввал ду намунаи барҷастаи насри ирфонии форсу тоҷик - “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ аз назари сохтор, муҳтаво, мундариҷа, сабки таълиф, арзишҳои адабиву бадеӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, шарҳҳои ба “Савонеҳ” навишташуда, аз ҷумла як шарҳи манзуми он, бори аввал барои аҳли таҳқиқ манзур ва муаррифӣ гардидаанд. Дар диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон аввалин бор ҷойгоҳи Аҳмади Ғаззолӣ дар насри ирфонии форсу тоҷик ва саҳму мақоми ӯ дар ташаккул ва таҳаввули наср дар адабиёти гузаштаи мо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. То кунун чанд таълифоте, ки анҷом ёфтаанд, бештар нависандаро ҳамчун файласуф ва мутафаккири барҷаста муаррифӣ намудаанд ва ин аз ҷумлаи аввалин таҳқиқотест, ки арзишҳои адабиву бадеии осори Аҳмади Ғаззолиро аз дидгоҳи адабиётшиносӣ муқаррар намудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ** дар он ба субут мерасад, ки дар ҷараёни таҳқиқи масоили меҳварӣ диссертант аз таҷрибаҳо ва равишҳои пажӯҳишии адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ истифода намуда, ба натиҷаҳои муайян расидааст. Ба таври куллӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот аз дақиқ будани маълумоти мазкур, мутобиқати ҳаҷми маводи пажӯҳишӣ, коркарди натиҷаҳои бадастомада, миқдор ва ҳаҷми мақолаҳои чопнамуда ва интихоби дурусти равишҳои тадқиқот муқаррар мегардад. Хулоса ва тавсияҳои дар асоси таҳқиқи мавзуъ бадастомада дурнамои куллии мавзуи тадқиқоти илмиро мушаххас менамоянд.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ва равишҳои мавриди истифодаи диссертант дар ҷараёни таҳқиқи масоили куллии насри классикии форсу тоҷик, ҷанбаҳои адабиву бадеии осори мансур ва дигар масоили адабиётшиносӣ аз ҷониби пажӯҳишгарони ҷавон, аспиранту докторантон ва магистрантон мавриди

истифода қарор хоҳанд гирифт. Матолиби диссертатсия барои анҷом додани таҳқиқоти дигар ба ҳукми маводи иловагӣ ва ёрирасон истифода хоҳад шуд.

Диссертант дар доираи пажӯҳиши хеш 12 мақола ба нашр расонидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 4 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд. Мақолаҳои нашргардида нуктаҳои аслӣ, натиҷа ва муҳтавои асосии диссертатсияро таҷассум намуда, саҳми шахсии муаллифро бозгӯӣ мекунанд.

Диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон аз муқаддима, 3 боб, 11 фасл, хулоса, феҳрасти адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти муаллиф иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммият ва мубрамият, дараҷаи омӯхта шудан, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи мавзуъ, равишҳо ва методологияи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, сарчашмашиносӣ ва дигар падидаҳои муҳимми вобаста ба шеваи нигориш, мутобиқати он ба рамзи ихтисоси ҳимояшаванда, нуктаҳои меҳварӣ барои пешниҳод ба ҳимоя муқаррар ва ба таври дақиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби аввали диссертатсия “**Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ”** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали ин боб диссертант нахуст масъалаи ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии замони зиндагонии Аҳмади Ғаззолиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, зимнан заминаҳои таърихии ривоҷи адабиётро бар асоси пайванд ба муҳити сиёсиву иҷтимоӣ таҳқиқ кардааст. Дар баробари таҳқиқи авзои сиёсӣ ба диссертант муяссар гардидааст, ки қабл аз вуруд ба асли матлабҳои таҳқиқии боби мазкур дар фасли алоҳида масъалаи заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии зуҳури осори орифонаро дар қарнҳои XI-XIII амиқан таҳлилу баррасӣ карда, ҷойгоҳи Аҳмади Ғаззолиро дар ин раванд муқаррар созад. Дар идомаи баррасиҳои анҷомдодаи диссертант рӯзгор ва мероси адабиву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси мутолеа ва омӯзиши матолиби тазкираҳо ва осори таҳқиқӣ диссертант муҳимтарин нуктаҳои рӯзгор ва мероси бозмонда аз ин нависанда, осори мансуб ба ӯро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Тибқи таҳқиқоти анҷомдода диссертант бисту се асари насрии Аҳмади Ғаззолиро муаррифӣ кардааст, ки бахше аз онҳо то замони мо омада нарасидаанд ва танҳо дар феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаҳо аз ин осор ёд шудааст.

Боби дувуми диссертатсия **“Сохтору мухтаво ва ҷойгоҳи осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар насри форсу тоҷик (дар мисоли “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”)** ном дошта, аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали ин боб дар мавриди нусхаҳои хаттии “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр” сухан меравад ва бо мутолеаи феҳристҳо ва сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла феҳристи Аҳмади Мунзавӣ, нодиртарин нусхаҳои хаттии ин ду асари Аҳмади Ғаззолӣ дар китобхонаҳои кишварҳои Эрон, Туркия, Инглистон, Фаронса, Ҳиндустон муаррифӣ карда шудааст. Бар пояи тадқиқоти диссертант 26 нусхаи “Савонеҳ-ул-ушшоқ” дар китобхонаҳои гуногуни олам мавҷуд аст, ки имкони тасҳеҳи насри илмӣ - интиқодии онро фароҳам меоварад. Дар фаслҳои дувум ва савуми ин боб сохтор ва муҳтавои ҳар ду рисола таҳқиқ шуда, муқаррар гардидааст, ки “Савонеҳ-ул-ушшоқ” бо ангезае, ки аз ҷониби муридони Аҳмади Ғаззолӣ дар вуҷуди вай эҷод гардид, навишта шудааст. Ин рисола аз муқаддима ва 77 фасл таркиб ёфтааст ва ҳарчанд рисолаи начандон бузург аст, аммо ба равнақи насри ирфонӣ, хоса дар шарҳу тафсири мазомини орифонаи ишқ дар адабиёти тоҷик нақши муассир гузоштааст. Ба таҳқиқи диссертант “Рисолат-ут-туюр” достони рамзӣ-фалсафӣ буда, дар силсилаи осори ирфонии марбут ба парандагон ба қалам омада, барои равнақи инчунин осор таъсири пурфайз гузоштааст. Диссертант махсусан таъсири ин асари хурди насриро ба маснавии маъруфи “Мантиқ-ут-тайр”-и Аттор бо далелҳои қотеъ бозгӯӣ кардааст, ки ҳосили чунин баррасиҳои илмӣ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Дар фасли дигари ин боб масъалаи шуруҳи “Савонеҳ”-и Ғаззолӣ ва арзишҳои адабии онҳо дар меҳвари баррасиҳои илмии муаллиф қарор гирифтаанд. Дар заминаи пажӯҳиш муқаррар шудааст, ки аз замони таълифи ин асари Аҳмади Ғаззолӣ то кунун ба ин рисолаи ӯ 7 шарҳ навишта шудааст, ки яке аз онҳо манзум мебошад. Нуфузи шуруҳи мазкур низ далел ба шуҳрату маҳбубияти асари мавриди назар дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба шумор меояд.

Боби савуми диссертатсия “**Аҳамияти адабии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ (дар мисоли “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”)”** ном дошта, дар фасли аввали он ҷанбаҳои сабкии насри муаллиф мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ба таъкиди диссертант, “Китоби Аҳмади Ғаззолӣ мисли ҳамаи осори мутасаввифа аз шеваи сухани марсум, яъне расмшудаи аср берун омада, ба силсилаи сухани орифони пешин мепайвандад. Аз он аст, ки дар баррасии шеваи сухани ӯ таваҷҷуҳ ба

матнҳои мутасаввифа ба дурустӣ наздиктар аст” (дисс. саҳ. 91-99). Дар баробари ин, зуҳури аносири сабки воизону маҷлисгуён низ дар ҷо-ҷо аз ин осори Аҳмади Ғаззолӣ ба чашм мерасад, ки аз омезаҳои аносири сабки мухталифи насри ирфонӣ ва фалсафӣ паём мерасонад. Баробари ин, истифодаи истилоҳоти ирфонӣ ва дар мавориде шарҳу тафсири онҳо ҷанбаҳои хоси сабкии насри орифонаро дар осори адиб тақвият бахшидаанд.

Дар идомаи таҳқиқоти дар ин боб анҷомёфта масъалаи истифодаи ашъор дар ҳар ду рисолаи муаллиф мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Диссертант бо такя бар ин матлаб, ки аз 115 байти мавриди истифода дар “Савонеҳ” 84 ададаш ба худи муаллифи он мансубанд, иштиғоли Аҳмади Ғаззолиро ба шеъргӯӣ муқаррар намуда, пешниҳоди қобили таваҷҷуҳ манзур кардааст, ки дар баробари осори мансур ин адиби ориф ба сурудани шеър низ рағбат дошта, аз рӯи нусхаҳои мухталифи хаттии осори насрии вай имкони фароҳам овардани маҷмуи ашъораш низ мавҷуд мебошад. Дар фасли охири ин боб масъалаи корбурди саноеи бадеӣ дар забони эҷоди рисолаҳо баррасӣ шуда, бо далелҳои қотеъ истифодаи ташбеҳ, истиора, киноя, маҷоз, тавсиф ва дигар аносири фасоҳатбахши калом шарҳу тафсир ёфтааст.

**Хулосаи** диссертатсия маҷмуи натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ бадастомадаро дар 15 банди назарӣ ва 7 банди амалӣ баён намудааст, ки густардагии доманаи тадқиқоти илмии муаллифро бозгӯӣ мекунанд.

Дар баробари ин дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам афзудани ҳусни кор мусоидат хоҳанд намуд:

1. Боби аввали диссертатсия “Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ” унвон гирифтааст. Вале зимни мутолеа маълум мешавад, ки ду фасли аввали он ба масъалаҳои вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии замони зиндагии адиб ва заминаҳои таърихиву иҷтимоии пайдоиши осори орифона дар асрҳои XI-XIII бахшида шудааст, ки ин мабоҳис, ба назари мо, то андозае аз меҳвари аслии таҳқиқ дуртар мебошанд. Беҳтар мебуд, ки ҳар ду фасл муттаҳид карда шуда, ба таври мухтасар масоили меҳварии мавриди пажӯҳиш дар як бахш баён карда шуда, нукоти марбут ба зиндагинома ва мероси адабиву ирфонии адиб бештар таҳқиқ мешуд.

2. Муттаҳид намудани фаслҳои дувум ва савуми боби дувум низ ба нафъи кори муаллиф аст, зеро имкон дорад, ки меҳварҳои ба ҳам мушобеҳи

таҳқиқии ҳар ду фасл якҷоя ва бо қиёс ба ҳамдигар ба риштаи таҳқиқ кашида шаванд.

3. Фасли панҷуми боби дувуми диссертатсия “Таъсирпазирии Аттор аз “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ” ном дорад ва масъала танҳо дар доираи таъсири як рисолаи муаллиф ба эҷоди Аттор маҳдуд шудааст. Тавре дар диссертатсия борҳо ишорат мешавад, “Савонеҳ” низ ба равнақи адабиёти форсу тоҷик таъсири матлуб гузоштааст. Агар дар як фасли алоҳида масъалаи таъсири ҳар ду асари Аҳмади Ғаззолӣ ба ташаккули адабиёти ирфонии форсу тоҷик ба таври ҷудогона ва муфассал баррасӣ мешуд, арзиши диссертатсия боз ҳам афзун мегардид.

4. Масъалаи истифодаи ашъор дар таркиби осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ аз ҷумлаи мабоҳиси ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳе ба шумор меравад, ки дар боби савуми диссертатсия сурат гирифтааст. Ба назари мо, дар ин ҷода таҳқиқи бештар ва амиқтар зарур аст, зеро ҳарчанд муаллиф ба хулосае мерасад, ки аз 115 байти мавриди истифода дар “Савонеҳ” 84 адади он ба худи Аҳмади Ғаззолӣ тааллуқ дорад, аммо ин хулосаи қатъӣ буда наметавонад, чун муқоисаву ҷусторҳои анҷомдода дар матншиносии ашъори мазкур ҳанӯз ба таври пурра ин хулосаро наметавонанд собит намоянд.

5. Баъзе аз номгӯйи осори мавриди истифода дар феҳристи адабиёти истифодашуда тибқи талаботи китобшиносӣ зикр нагардидаанд. (Масалан, шумораҳои 105, 142, 163 ва ғ).

6. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоиву техникӣ дучор мешаванд, киислоҳи онҳо бар нафъи кори муаллиф аст.

Камбудиҳои мазкур ҳаргиз арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Аз муҳтавои диссертатсия маълум мегардад, ки диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро асосан иҷро кардааст. Автореферат, монография ва мақолаҳои банашррасонидаи муҳаққиқ мазмуни асосии диссертатсияро ифода мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Дар умум, метавон таъкид дошт, ки диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон таҳти унвони “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” кори анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси

6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 30-юми майи соли 2023, суратҷаласаи №11 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илмҳои филологӣ:** **Аҳмадов Сафармад Гадомадович**

**Эксперт:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Тағаймуродов Рустам Ҳакимович**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология, саромӯзгори**
**кафедраи адабиёти тоҷик** **Ҳакимов Саъдулло Тағаймуродович**

**Имзоҳои С. Аҳмадов, Р.Тағаймуродов ва С. Ҳакимовро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
**735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53. E-mail: ktsu78@mail.ru**

"30" 05 соли 2023